“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
д.и.и., профессор
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат
______________________
«___» ______________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика

**1.Мутобиқати мазуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» аз ҷиҳати мавзуъ, объекти таҳқиқ, усулҳои таҳлил ва натиҷаҳои илмии бадастомада ба шиносномаи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) пурра мутобиқат намуда, инчунин ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва тибқи қарорҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷаҳони муосир, ки иқтисодиёти рақамӣ бо суръати бениҳоят баланд рушд мекунад, аҳаммияти такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо намудҳои ҷудогонаи нақлиёт дар шаҳрҳо торафт муҳимтар мегардад. Бинобар ин, такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳру деҳот муносибати ҳамаҷонибаро дар бар мегирад, ки дар асоси расидан ба ҳадафҳои беҳдошти расонидани хизматрасониҳои нақлиётӣ, ҳамчун асоси таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии аҳолии кишвар нигаронида шудааст. Ин ташкили системаи возеҳ ва қобили мулоҳизаеро дар бар мегирад, ки натиҷаҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ниҳоят манфиятбахш аст.

Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар қаламравӣ кишвар, аз он ҷумла дар шаҳри Душанбе барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ва ҳамзамон қонеъ кардани ниёзҳои мардум кӯмак мекунад, ки ин боиси афзоиши самаранокӣ ва ҳосилнокии фаъолияти меҳнатии онҳо мегардад.

Таъмини самаранокии такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо аз нуқтаи назари ташкилӣ тавассути муқаррар кардани нишондиҳандаҳои самаранокӣ дар тартиби баҳодиҳии кори муассисаҳои нақлиётӣ, кормандон, ки ниёзҳои корхонаҳои ҷудогонаро инъикос мекунанд, ба даст оварда мешавад. Ин эҳтиёҷот бояд самтҳои мақсадноки зизматрасони нақлиётӣ ҳисобида шуда, ҳамчун соҳаҳои беҳдошти фаъолияти арзишманданд, ташаккул меёбанд. Ҳамзамон, зарур аст, ки вазнинӣ ва мураккабии хизматрасонии нақлиётӣ дар раванди такмили ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо ба назар гирифта шавад.

Аз ин лиҳоз, барои ҳалли муаммову мушкилоти ҷойдошта истифодаи механизмҳои навоваронаи ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дар шаҳри Душанбе зарур ва саривақтӣ меҳисобем.

Ба андешаи муаллиф, ки қобили дастгирист, маҳз дар соҳаҳои иқтисодиёти шаҳр бояд шароитҳои муайянӣ ба талаботҳои ҳозиразамон ҷавобгу барои афзоиши нақши хизматрасониҳои нақлиётӣ ва маҳсулнокии меҳнат таъсис дода шаванд, яъне такмил додани раванди идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо намудҳои нақлиёти шаҳрӣ, аз ҷумла микроавтобусҳо бояд ба баландшавии самаранокии истифодабарии онҳо ҳамрадиф бошад. Нобобаста ба ин масъалаҳои хеле зиёде нисбати ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо ҷой доранд ва гузаронидани таҳқиқоти суроғавиро тақозо менамояд

Ба фикри мо, маҳз аз ҳамин ҷиҳат муҳиммият ва мубрамияти мавзӯи интихоб намудаи таҳқиқоти гузаронидаи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло бебаҳс буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва арзиши илмию амалӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда.** Таҳлили кори диссертатсионии Сайфуллоҳзода О.М. нишон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу мусофирон дар шаҳрҳо, аз он ҷумла бо микроавтобусҳо дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқ васаҳеҳияти натҷаҳо.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили ҳамаҷонибаи раванди такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва пешниҳоди тавсияҳои

илман асоснок дар мавзуи таҳқиқгардида ифода меёбад. Ҳамчун натиҷаҳои муҳимтарини кор, ки навгониҳои илмӣ доранд, чунин нуктаҳо қайд карда мешаванд:

1. Дар диссертатсия дар асоси таҳқиқи адабиёти ватанию хориҷӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методии мавқеъ ва мақоми мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ, арзёбии принсипҳо ва усулҳои ташкили идоракунии ҳамлу нақли дар шаҳр аниқ муайян карда шуда, таҷрибаи хориҷии ташкили идораи мусофиркашонии автомобилӣ омӯхта шуда, равандҳои беҳтаргардонии дастгирии ин намуди нақлиёт дар шаҳри Душанбе ирсор карда шудааст.

2. Бо назардошти баррасии асосҳои консептуалии рушди нақлиёти ҷамъиятӣ, раванди мусофирбарӣ, ҳолати муосир, рушди имкониятҳо ва ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мавриди омузиш қарор дода шуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба кори намудҳои гуногуни нақлиёт, аз ҷумла мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо муайян карда шуда, баҳодиҳии сифати онҳо дар хатсайрҳои шаҳри Душанбе ба анҷом расонида шудааст.

3. Коркарди стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дар ассоси таҳқиқи омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи талаботи мусофирон пешниҳод карда шудааст.

4. Дар диссертатсия самтҳои асосии ташкили идоракунии ҳамлу нақл бо микроавтобусҳо дар шаҳр, ки муносибгардонии шабакаи хатсайрҳо ва системаи идоракунии хизматрасониҳои нақлиётӣ, таҳия ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ин самт муайян ва пешниҳодҳоро ҷиҳати таъмин намудани шароит барои рушди интиқол, такмилдиҳии фаъолияти системаи ягонаи автоматонидаи идоракунии нақлиёти шаҳр ва рушди системаи муосири пардохти ҳаққи роҳкироро бо назардошти татбиқи рақамикунонии нақлиёт дар давраи то соли 2030 дар шаҳри Душанбе дар бар мегиранд.

**5. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои асосии илмии дар кори диссертатсионӣ ба даст овардаи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба воситаи коркарди ҳолатҳои методӣ оид ба истифодабарии оқилонаи онҳо дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаматарафа самаранок истифодабарии иқтидорҳои мавҷуда, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини рушди устувор ифода меёбанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳрҳои Тоҷикистон дар шароити муосир васеъ истифода шаванд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар амалияи корхонаҳои наклиёти мусофиркашонии шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро дар ҷараёни таълим барои тайёр намудани бакалавру магистрон ва докторантҳо дар доираи омӯзиши фанҳои махсус, ба монанди «Иқтисодиёти нақлиёт», "Банақшагирии нақлиёт", «Ташкил ва идораи равандхои мусофикашонӣ» ва ғайраҳо истифода кардан мумкин аст.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муаллиф мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян намуда, аз методикаи дар таҳқиқотҳои олимони соҳа асосёфта оид ба таҳқиқи хусусият ва такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе истифода намудааст.

Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи кори диссертатсионӣ бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудааст.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар омӯзиш ва ҷамъбасти маълумот, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ, илмию амалӣ оид ба методология ва амалияи такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ва хусусиятҳои иқтисодиёти Тоҷикистон алоқаманд ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои асосии такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шароити муосири иқтисодӣ муайян, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили назарияю методӣ ва амалияи он таҳия шудаанд.

Ҳамзамон, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда дар корхонаҳои ватанӣ, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Чуноне, ки аз таҳлилҳои маълумоти пешниҳодшуда бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмиллалию ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ нашр шуданд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати сарчашмаҳои иттилоот ва адабиёт таркиб ёфтааст.

Кори диссертатсионӣ аз 173 саҳифа, рӯйхати адабиёт 194 номгӯйро дар бар гирифта, аз 28 ҷадвал ва 30 расм иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола **(саҳ.4-12)** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми рисола пешниҳод шудаанд.

Дар боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва методии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо» **(саҳ. 13-57)** паҳлуҳои назариявию методии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо, принсипҳои ташкили идоракунии нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо, инчунин, таҷрибаи хориҷии механизми идора ва ташкили ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳрҳо дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аз таҳлили зербобҳои ин боби диссертатсия бар меояд, дар онҳо дар асоси омӯзиши пурра масъалаҳои баррасишаванда дида баромада шуда, хулосаҳои зарурӣ ба даст оварда шудааст, ки аз таҷрибаи хуби муаллиф доир ба таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад. Хусусан, таҷрибаи хориҷии механизми идора ва ташкили ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳрҳо дар шароити муосир дар сатҳи зарурӣ омӯхта шудааст ва ин таҷрибаро метавон дар шаҳрҳои Тоҷикистон мавриди истифода бо назардошти хусусиятҳо кормандони муассисаҳои нақлиётӣ истифода намоянд.

Дар боби дуюми диссертатсия «Ҳолати кунунӣ ва рушди ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» **(саҳ. 58-106)** вазъи муосир ва рушди мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо, ҳамзамон, баҳодиҳии сифати мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мавриди таҳлил ва баррасӣ бо истифодаи маводҳои зарурӣ қарор гирифтааст.

Дар ин боб ҷойи муносиб ба таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо, ҳамзамон, баҳодиҳии сифати мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе аз ҷониби корхонаҳои давлатию хусусии нақлиёти автомобилӣ дода шудааст. Дар маҷмӯ амали намудани ин самтҳо имконият додааст, ки муаллиф такмили механизми ҳамлу нақли мусофиронро бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанберо дар шароити муосир пешниҳод намояд.

Дар боби сеюми таҳқиқоти илмӣ –«Самтҳои асосии такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» **(саҳ.107-144)** стратегияи рушди ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо ташаккул, механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар самти такмили ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо ва

амсилаи иқтисодиёю риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо коркард, ҳамзамон, роҳҳои такмили механизми ташкили идораи мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе таҳия, асоснок ва пешниҳод карда шаванд.

Ба ақидаи мо дар зербоби дуюм ва сеюми ин боб ба коркарди амсилаи иқтисодиёю риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо ва роҳҳои афзалиятноки такмили механизми ташкили идораи мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе аз тарафи корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ амали карда шудааст, ки барои беҳдошти хизматрасонии нақлиётӣ дар шароити муосири шаҳри Душанбе инконият медиҳанд. Ҳамзамон, шароити зарурӣ барои беҳдошти самаранокии иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ аз ҳисоби такмили механизми ташкили идораи мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба даст оварда шавад.

Дар хулосаи диссертатсия **(саҳ.145-149)** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ҷиҳати такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе пешниҳод карда шудаанд, ки боисӣ дастгирӣ мебошанд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Мазмун ва мӯҳтавои диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқарраротӣ бандҳои дахлдори “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани унвони илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаи асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми дисератсия ба таври кофӣ мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсияро инъикос менамояд ва асосҳои назариявӣ, илмию амалии корро ба таври мукаммал дар бар мегирад. Ҳамзамон, меъёрҳои муқарраргардидаи кори диссертатсионӣ вобаста ба ҳаҷм, тартиби ба расмият даровардани расмҳо ва ҷадвалҳо, нигориши феҳристи адабиёт ҳангоми навиштани диссертатсия дуруст риоя карда шудаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои “Низомномаи шурои диссертасионӣ” ва “Тартиби додани унвони илмӣ” аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионии Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло кори мустақилона ба итмомрасондашуда, дорои унсурҳои навгонӣ ва арзишҳои илмию амалӣ мебошад ва барои дар амал тадбиқ намудани натиҷаҳои он барои такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба манфиати ҷомае мебошад. Диссертатсия бо лаҳни илмӣ, фаҳмо ва бо риояи талаботи забони давлатӣ, ислоҳоти қабулшуда навишта шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни диссертатсия пурра мувофиқат мекунад. Маводи асосии дифоъ автореферат мебошад, ки ҷанбаҳои асосии мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд ва талаботҳои мавҷуда дар ин самт пурра риоя гардидаанд.

**11. Мутобиқатии тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло мутахассиси ҷавони умедбахш дар соҳаи иқтисодиёти нақлиёт ва логистика буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт мебошад ва кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси тадқиқотчӣ донишомӯзӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бояд таъкид карда шавад.

Тахассуси илмии довталаб Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло ба ихтисоси илмии дархостшаванда 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) мувофиқат мекунад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидани кор, дар он баъзе камбудҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд:

1. Ҳангоми таҳлили ҷанбаҳои назариявию методии такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе нуқтаи назари муаллифӣ ба таври зарурӣ дар шароити иқтисодиёти платформавӣ асоснок ва таҳия нашудааст.

2. Дар боби аввали диссертатсия асосҳои назариявӣ ва методии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ақидаҳо ва пешниҳодҳо оварда шудааст, аммо хусусиятҳои ҷойгиршавии шаҳр ва таъсири он ба ташкили ҳамлу нақли мусофирон, ки ин қисми таҳқиқот ба муаллиф имкон медиҳад, тавсияҳои воқеӣ ва амалиро пешниҳод намояд мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

3. Дар диссертатсия нисбати ақидаи олимону коршиносони ватаниву хориҷӣ таҳлили қиёсӣ ва тавзеҳи нуктаҳои назари онҳо начандон назаррас ба

баҳси илмӣ кашида нашудааст. Агар ин кор мешуд сатҳу сифати рисола боз арзишмандтар мегардид?

4. Ба андешаи муаллиф таҷрибаи хориҷӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳанг ва менталитети аҳолӣ ва шароити муосири рушди инноватсионии нақлиёти мусофиркашони автомобилии кишвар мавриди истифода қарор дода шавад. Дар ин радиф истифодаи кадом таҷриба ва кадом модел дорои афзалият аст, дар диссертатсия мушаххас нишон дода нашудааст?

5.Муаллиф ба баҳодиҳии самаранокии иҷтимоию иқтисодии такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе начандон хуб диққат додааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд агар ин раванд бо арзёбии нишондиҳандаҳо санҷида мешуд, дар он сурат эътимоднокии натиҷаҳо хуб мегардид?

6. Дар зербобҳои 2.1 ва 2.2 таҳлили вазъи муосир ва омилҳои таъсиррасон таҳқиқ карда шудааст, ки хусусияти тавсифӣ доранд, беҳтар мешуд муаллиф вобастагии байни омилҳои асосӣ (зичии аҳолӣ, шиддати ҷараёни мусофирон, шумораи воситаҳои нақлиёт, сатҳи танбашавӣ) ва таъсири онҳоро ба рушди хизматрасонии мусофирбарӣ бо истифода аз таҳлилҳои моделсозии иқтисодӣ-риёзи ва таҳлили регресионӣ ба таври амиқ таҳқиқ менамуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки эроду тавсияҳои зикршуда, ба фикри мо, ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Кори диссертатсионии иҷрогардида аз нуқтаи назари коркарди илмӣ, мантиқӣ, амалиётҳои таҳлилӣ, баҳодиҳии ҳолатҳо, истифодаи методҳо, асосноксозии назарияҳо, натиҷаҳо дар сатҳи баланди назариявӣ ва илмӣ-амалӣ иҷро гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзӯи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ба итмом расонда шуда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвони илмӣ”, ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриз аз тарафи номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи нақлиёти автомобилӣ Ҷалолзода Дилшодҷон Сайкабир, доктори фалсафа (Phd) ва доктори фалсафа (Phd), мудири кафедраи назарияи иқтисод Шамсов Ҷумъахон Исоевич омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои нақлиёти автомобилӣ ва назарияи иқтисодии Донишоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №8 аз 16-уми апрели соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои техникӣ,
саромӯзгори кафедраи нақлиёти автомобилии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Холов Н.Ш.

**Эксперт:**
номзади илмҳои техникӣ,
мудири кафедраи нақлиёти автомобилии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Ҷалолзода Д.С.

доктори фалсафа (Phd), аз рӯи ихтисоси
6D050600-Иқтисодиёт (6D050606-иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)
мудири кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шамсов Ҷ.И.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номазади илмҳои иқтисоди,
и.в. дотсенти кафедраи нақлиёти автомобилии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Ашуров Н.А.

Имзоҳои н.и.т. Холов Н.Ш., н.и.т., Ҷалолзода Д.С., ва н.и.и., Ашуров Н.А.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.

"18" 04 соли 2026

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj, Тел: (832-22) 2-23-64.